ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи вогиршиносӣ ба номи профессор Рофиев Ҳ.Қ. МДТ«ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Каримов Бахтиёр Музафарович дар мавзӯи «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ пешниҳод гардидааст

Каримов Бахтиёр Музафарович, соли таваллудаш 1986, соли 2010 факултети стоматологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино-ро хатм кардааст.

Солҳои 2010-2012 Каримов Б.М. ба ҳайси магистр дар пойгоҳи кафедраи стоматологияи муолиҷавии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синотаҳсилро идома додааст. Аз соли 2014 Каримов Б.М. ассистенти кафедраи стоматологияи муолиҷавӣ мебошад. Аз октябри соли 2018 унвонҷӯйи кафедраи эпидемиологияи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ба ҳисоб меравад.

Миқдори корҳои илмии нашркардаи Каримов Б.М. оид ба мавзӯи диссертатсия - 40 адад аст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти ҶТ дохил мешаванд, нашр шудааст, 2 пешниҳоди ратсионализаторӣ дорад.

Диссертант ҳаҷми бузурги корҳои таҳқиқотиро дар сатҳи муосири эпидемиологӣ ва клиникӣ иҷро кардааст, ки ба қадри кофӣ эътимоднок ва далелнок мебошанд. Таҳқиқ ва таҳлили диссертант мустақилона анҷом додааст.

Каримов Б.М. мутахассиси соҳибтахассус аст, бо хусусиятҳои андешаҳои таҳлилгарӣ фарқ мекунад, ба пажӯҳишҳои илмӣ бешубҳа, майл дорад, ҳангоми таҳқиқ намудан мустақилият ва тафаккури озодро меписандад.

имзои/подпись Усманова Г.М.-/20

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

-07- 06 2022 с/г

Роҳбари илмӣ:
Мудири кафедраи вогиршиносӣ
ба номи профессор Рофиев Ҳ.Қ.
МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»,
доктори илмҳои тиб **Усманова Г.М.**